ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии **Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои пиряхҳои зиёд мебошад, ки асоси захираҳои бузурги обӣ маҳсуб меёбанд. Солҳои охир идоракунии оқилонаи захираҳои обӣ то дараҷае ба масъалаи муҳим табдил меёбад, ки ҳатто нақш ва мақоми давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян менамояд. Бешак, бартарияти асосии Тоҷикистон захираҳои обии он мебошад ва ин захираҳо ба Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон мавқеи пешсафиро ишғол намояд.

Фонди умумии оби дарёҳояш ба 64 км^3/сол арзёбӣ гардида, 55,4% ҳаҷми оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Дар асоси ин, вазифаҳои муҳими соҳаи хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама таъмини аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъминоти устувор ва боэътимоди об ва фаъолияти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, ҳифзи самараноки захираҳои об аз ифлосшавӣ ва такроистеҳсолкунии миқдорию сифатии онҳо мебошад.

Солҳои охир масъалаҳои идоракунии об муҳимияти хос пайдо кардааст, аз ҷумла мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳимтарин мушкилоти истифодаи об дар Тоҷикистони муосир истифодаи нодуруст ва ғайрисамараноки захираҳои об бо масрафи зиёд дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва бахши манзилию коммуналӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмӯъ, дар кишвар барои истифода як қисми нисбатан ками захираҳои об аз объектҳои рӯизаминӣ гирифта мешаванд, аммо дар ҳавзаи дарёҳои Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Зарафшон, Варзоб ва як қатор дарёҳо вазъияти пуршиддати хоҷагии об ба назар мерасад ва аз сабаби сифати ғайриқаноатбахши об шадидтар гардида истодааст.

Ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо дар соҳаи идоракунии захираҳои об, банақшагирӣ ва татбиқи тадбирҳои захираҳои об, ки ба ҳалли мушкилоти таъминоти об нигаронида шудаанд, бояд оид ба тағйироти ҷорӣ ва имконпазири миқдор ва сифати захираҳои об, реҷаи оби дарёҳо зери таъсири омилҳои табиӣ ва инсонсириштӣ (антропогенӣ) баҳои илман асоснокшуда доштан зарур аст. Мураккабии ҳалли ин масъалаҳо дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа, хусусан, дар даҳсолаҳои охир аз бисёр ҷиҳат ба таҳқиқу омӯзиши нокифояи таъсири тағйирёбии шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иқлимӣ ба соҳаи хоҷагии об вобастагӣ дорад.

Мақсади таҳқиқот омӯзиши хусусиятҳои гидрохимиявӣ ва муқаррар намудани қонуниятҳои тағйирёбии ҷараёни дарёи Варзоб мебошад.

Дар асоси мақсадҳои гузошташуда вазифаҳои зерин иҷро шудааст:

1. Таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои гидрохимиявии оби ҳавзаи дарёи Варзоб.

2. Омӯзиши мушкилоти ноҳиябандии низоми обтаъминкунии шаҳри Душанбе.

3. Таҳлили омории тағйирёбии бисёрсолаи маҷрои дарёи Варзоб ва тақсимоти дохилии солонаи он.

4. Таҳқиқи қонуниятҳои тағйирёбӣ ва тақсимоти фазоии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб.

5. Муайянкунии тағйирёбии эҳтимолии иқлимии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб

6. Муайян кардани хусусиятҳои изотопии оби ҳавзаи дарёи Варзоб.

7. Коркарди тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки оби дарёи Варзоб.

Объекти таҳқиқот. Нишондиҳандаҳои гидрохимиявии сифати оби ҳавзаи дарёи Варзоб.

Мавзӯи таҳқиқот. Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб, идоракунии захираҳои обӣ бо мақсади обтаъминкунӣ.

Муҳтавои асосии диссертатсия.

Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб бо назардошти талаботи об дар минтақаҳои он омӯхта шуда, ҳолати масъала ва муайян намудани самтҳои асосии арзёбӣ ва таҳқиқ шудааст.

Муайян карда шудааст, ки ҳавзаи дарёи Варзоб дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ҷойгир буда, ҳудуди бунёди сарчашмаи дарёро ифода менамояд, ва дар қисмати шимолии баландкӯҳ васеъ шуда, баъдан дар қисмати ҷанубӣ бо паҳноӣ ва баландӣ кам мегардад. Сарҳади шимолии ҳавза аз қисмати ағбаи қаторкӯҳи Ҳисор мегузарад ва бо ҳавзаҳои дарёҳои Майхура ва Зиддӣ ҳамҳудуд мегардад. Қаторкӯҳҳо дар қисми болоии ҳавза тӯлонӣ ҷойгиранд ва ба баландии 4,9 км аз сатҳи баҳр мерасанд. Дар ҳамаи ҳудудҳо нишебҳои кӯҳҳо хеле тезанд. Ин ҳолат ба резиши пайвастаи таҳшинҳо аз боло ба маҷрои дарё ва кам ворид шудани об ба хок мусоидат мекунад. Бо сабаби чунин хусусиятҳои релеф дар ҳудуди ҳавза рушди соҳаи кишоварзӣ ғайриимкон мегардад.

Масъалаи экологияи муҳити табиӣ дар ноҳияи Варзоб, ки дарёи Варзоб ноҳияро убур мекунад, хеле ҷиддӣ буда, омӯзиш ва ҳалли он барои муҳаққиқон ва ҳукумати ноҳия мавзӯи нисбатан муҳим мебошад. Муаллиф сабабҳои шиддат гирифтани вазъи муосири экологии захираҳои об дар ноҳияи Варзобро ба таври зерин тасниф кардааст: Истифодаи зиёди захираҳои обӣ, бе назардошти имкониятҳои захираҳои обӣ то азнавбарқаршавӣ ва худтозанамоӣ; Дар ҳудудҳои хурд сохмони зиёди биноҳо (асосан хоҷагиҳои инфиродӣ, иншооти хусусӣ барои зиндагӣ ва истироҳат) ва авҷгирии татбиқгардии нақшаҳои миқёсан васеи дахолат ба гидросфера; Дараҷаи сусти рафти тозакунии обҳои партов дар ноҳия, ки дар таъмини вазъияти муътадили экологии

захираҳои обӣ дар ноҳия нақши ҳалкунандаро мебозад; Сатҳи пасти маърифати экологии аҳолӣ, шуур ва маърифати пасти экологӣ; Набудани ҳавасмандгардонии самарабахши иқтисодӣ барои ҳифзи об; Кофӣ набудани санадҳои меъёрию самараноки амалкунанда оид ба ҳифзи захираҳои об ва дигар зерсанадҳои ҳуқуқӣ барои иҷрои самараноки онҳо; Сатҳи нокифояи назорати давлатӣ аз болои иҷрои санадҳои меъёрӣ оид ба ҳифзи захираҳои об ва низоми ҷазои самаранок барои расонидани зарар ба муҳити обӣ.

Хусусиятҳои усулҳои муосири идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон омӯхта шуда, ҳолати интегралии сифати оби ҳавзаи дарёи Варзоб арзёбӣ шуда, сифати об дар дараҷаҳои гуногуни ифлосшавӣ амсиласозӣ шудааст.

Муайян шудааст, ки дар Тоҷикистон сохтори мураккабе мавҷуд аст, ки дорои вазифаҳои мухталиф дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об мебошад (танзим, пешгӯӣ, истифода ва муҳофизат, банақшагирӣ, таҳлил, сиёсат, тактика, стратегия), инчунин хусусияти гуногунсоҳаи истифодаи об ва талаботҳои гуногун ба захираҳои об аз ҷиҳати миқдор, сифат, реҷа вуҷуд дорад. Системаи идоракунии давлатӣ захираҳои маъмурӣ, моликияти давлатӣ ба системаҳои обтаъминкуниро нигоҳ дошта, фишангҳои иқтисодии идоракунӣ - молия ва захираҳои моддиро то дараҷае аз даст додааст.

Яке аз ҳадафҳои тадқиқот ҳисоб кардани индекси ифлосшавии об (ИИО) ва муайян кардани гурӯҳи сифати оби ҳавзаи дарёи Варзоб ба ҳисоб мерафт. Муаллифи диссертатсия барои гузаронидани тадқиқот маълумотҳо аз истгоҳи гидрологии “Даҳана” гирифта, инчунин ченкунӣ ва намунаҳо аз якчанд нуқтае, ки дар поёноби дарё, дар наздикии Истгоҳи марказии тозакунии шаҳри Душанбе ҷойгиранд, интихоб карда намудааст.

Ҳангоми ҳисоб кардани индекси ифлосшавии об (ИИО) барои ҳавзаи дарёи Варзоб бузургии 0,47 ба даст оварда шуд, ки обҳоро ба гурӯҳи дуюми сифат – “оби тоза” мансуб медонад Таҳлили гидрохимиявӣ ва ҳисобкунии ИИО далели тоза будани оби табиии Варзобро тасдиқ мекунад. Оби дарё ба тамоми талаботҳои хоҷагидорӣ-нӯшокӣ, фарҳангӣ-маишӣ ва таъиноти хоҷагидории моҳипарварӣ ҷавобгӯ буда, муҳофизати махсус ва истифодаи оқилонаро талаб мекунад.

Муаллиф миқдори микроэлементҳоро дар оби дарёҳо, махсусан металлҳои заҳрнок омӯхтааст. Дар намунаҳои таҳлилшуда 9 элемент муайян карда шуда, қонунмандиҳои тақсимоти онҳо ошкор карда шуданд.

Маълумотҳо оид ба миқдори элементҳо дар об, ба монанди натрий, калтсий, оҳан ва марганес коркард гардиданд. Миқдори аз ҳама зиёди калтсий ва натрий дар дарёи Сирдарё ва поёноби дарёҳои Панҷ, Вахш ва Исфара ошкор карда шуданд. Дарёҳои кӯҳии Тоҷикистон ва хусусан,

дарёҳои Шаҳристон ва Варзоб аз оҳан бой буданд. Дар баъзеи онҳо миқдори оҳан аз КҲИ зиёдтар ба назар мерасад. Миқдори марганес муътадил боқӣ мемонад ва аз КҲИ зиёд нест.

Аз микроэлементҳои биогенӣ хром, кобалт ва руҳ муайян карда шуданд. Дар дарёи Варзоб норасоии ин микроэлементҳо мушоҳида мешавад ва тақсимоти онҳо нобаробар аст. Маълум аст, ки барои гузаронидани чорабиниҳои самарабахши кишоварзӣ норасоии ин микроэлементҳоро бо дарназардошти миқдори онҳо дар хокҳои маҳаллӣ ба назар гирифтан лозим аст.

Талаботҳои гигиенӣ ба таркиби об бузургиҳои меъёрии нишондиҳандаҳои зеринро муқаррар мекунанд: нишондиҳандаҳои обӣ, сахтӣ, пасмондаҳои моддаҳои хушк ва миқдори моддаҳои фаъоли болоӣ (МФБ).

Мувофиқи Қоидаҳои санитарӣ ва меъёрӣ 2.1.4.004-07" "Оби нӯшокӣ. Талаботи гигиенӣ ба сифати оби системаҳои мутамаркази таъминоти оби нӯшокӣ. Назорати сифат. Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ» безарарии эпидемии оби нӯшокӣ бо таносуби он ба меъёрҳои нишондиҳандаҳои паразитологӣ ва микробиологӣ муайян карда мешавад

Ҳамин тариқ, муқаррар карда шудааст, ки барои пешбурди кори фаъолона дар мубориза бо талафоти об, назорати самараноки истифодаи оқилонаи он ва таҳияи тадбирҳои сарфаи об дар дохили корхонаҳои таъминоти об нозироти идоравии захираҳои об ташкил карда шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот.

1. Омилҳои ташаккулёбӣ ва тағйирёбии фазоӣ-замонии маҷрои дарё дар тамоми ҳудуди ҳавзаи дарёи Варзоб мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

2. Қонуниятҳои тағйирёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб дар асоси маълумотҳои бисёрсолаи оморӣ муаяйн карда шудааст.

3. Қонуниятҳои тақсимоти фазоии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб муқаррар карда шудааст.

4. Тағйироти эҳтимолии иқлимии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб омӯхта ва баҳогузорӣ карда шуданд.

5. Нишондиҳандаҳои сифати оби дарёи Варзоб муайян карда шуданд.

6. Оид ба истифодаи оқилонаи оби дарёи Варзоб тавсияҳо дода шудаанд.

Интишорот.

Аз рӯи мавзӯи кори диссертатсионӣ 29 корҳои илмӣ ба чоп расидаанд, аз ҷумла 5 кори илмӣ дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, 3 кори илмӣ ба нашрияҳои илмии индексатсияшудаи низоми "РИНС" дохил мешаванд. Инчунин унвонҷӯй дорои 1 китоби дарсӣ ва 4 дастури методӣ ба нашр расонидааст. Унвонҷӯй ҳаммуаллифи 1 адад патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтирооти "Дастгоҳи обгирӣ – тозакунӣ барои обҳои табии тирагиашон баланд" № TJ-999 аз 3 июни соли 2019 мебошад.

Сохтор ва ҳаҷми тадқиқот. Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳо ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 155 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад, ки аз он 135 саҳифа матни асосӣ мебошад. Диссертатсия 26 расм ва 15 ҷадвалро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 101 номгӯй иборат аст.

Эродҳо оид ба кори диссертатсионӣ.

1. Дар саҳифаи 50 диссертатсия нисбат ба хусусиятҳо ва усулҳои муосири идоракунии захираҳои об таҳлилҳо гузаронида шудаанд, вале пешниҳоду тавсияҳои муаллиф номаълум мебошад.
2. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия оид ба арзёбии интегралии сифати оби ҳавзаи дарёи Варзоб таҳқиқотҳо гузаронида шуда, синфи ё гурӯҳи об муайян карда шудааст, вале натиҷаҳои таҳқиқот бо ягон санади мақомоти дахлдор тасдиқ нашудаанд.
3. Дар саҳифаҳои 82-87 оид ба изотопҳои оби ҳавзаи дарёи Варзоб таҳқиқотҳо гузаронида шудаанд, вале натиҷаи ниҳоӣ номаълум боқӣ мондааст.

Бояд зикр намуд, ки нуқсонҳои овардашуда, дар умум, ба арзёбии мусбии кори диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии **Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»** оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31-33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии талабнамудаи он мебошад.

Муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои геология ва минералогия,
и.в.дотсенти кафедраи “Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарифов Г.В.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 918 29 75 44, E-mail – gulsharifov@mail.ru

Имзои н.и.г-м., и.в.дотсент Шарифов Г.В.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.

22.11.22 с.